*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 145 (4565) | ДУШАНБЕ, 21 НОЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## ҚАБУЛИ ЭЪТИМОДНОМАҲО АЗ САФИРОНИ НАВТАЪИН





**21-уми ноябри соли 2022 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сафирони нави кишварҳои хориҷӣ эътимоднома қабул карданд.**

Зимни маросими эътимодномасупорӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафирони фавқулода ва мухтори Федератсияи Россия Семён Григорев, Ҷумҳурии Куба Оскар Сантана Леон, Штатҳои Муттаҳидаи Мексика Гилермо Алехандро Пуэнте, Ҷумҳурии Аргентина Леополдо Франисико Саорес, Ҷумҳурии Чад Маҳмуд Адам Башир ва Ҷумҳурии Гана Эрик Овусу-Боатенг эътимодномаҳоро бо паёму дуруд аз роҳбарияти кишварҳояшон тақдим карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ сафиронро ба муносибати оғоз гардидани фаъолияти дипломатиашон дар ин маснади пуршараф ва сермасъул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрику таҳният гуфтанд.

Президенти мамлакат таъкид карданд, ки Тоҷикистон таи давраи соҳибистиқлолӣ дар асоси сиёсати хориҷии мутавозину сулҳхоҳонаи «дарҳои кушода» бо кишварҳои минтақаҳои гуногуни олам робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории барои ҷонибҳо судманди фарогирро роҳандозӣ карда, густариш медиҳад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушду таҳкими робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи судманди Тоҷикистон бо Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Куба, Штатҳои Муттаҳидаи Мексика, Ҷумҳурии Аргентина, Ҷумҳурии Чад ва Ҷумҳурии Гана андешаронӣ карда, изҳори умед намуданд, ки сафирони фавқулода ва мухтори навтаъиншуда бо иҷрои рисолати сермасъул саъю талошҳои пайгиронаро баҳри татбиқи ҳадафҳои неки рушду таҳкими робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории судманди давлатҳояшон бо Тоҷикистон ва барои ба сатҳи сифатан нав баровардани онҳо равона месозанд.

Президенти мамлакат оид ба ҳолат ва дурнамои рушду густариши муносибатҳои дӯстию ҳамкорӣ, дарёфти роҳҳои нави робитаҳои судманд ва татбиқи тавофуқоти қаблан ҳосилшуда низ андешаронӣ карда, изҳор доштанд, ки кишварҳои мо ҷиҳати ба роҳ мондани муколамаи сатҳи олӣ ва баланд, ташаккули минбаъдаи заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳо дар соҳаҳои афзалиятнок ва дигар самтҳои мавриди манфиатҳои тарафайн тадбирҳои амалӣ хоҳанд андешид.

Дар фарҷом Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ба сафирон ба муносибати оғози фаъолияташон барори кору комёбӣ орзу намуда, омодагии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати мусоидат дар самти пешбурди фаъолияти дипломатиашон махсус таъкид карданд.

Изҳори итминон карда шуд, ки талошҳои пайвастаи сафирон дар ҷодаи рушду такомули робитаҳои гуногунҷанбаи байни Тоҷикистон ва кишварҳои зикршуда самараву натиҷаҳои нав ба бор хоҳанд овард.



**21-уми ноябри соли равон, ҳамчунин, дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сафирони нави фавқулода ва мухтори чанд кишвари дигари хориҷӣ эътимоднома қабул карданд.**

Зимни маросими эътимодномасупорӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафирони фавқулода ва мухтори Украина Валерий Евдокимов, Иттиҳоди Аврупо Раймундас Кароблис, Ҷумҳурии Латвия Рейнис Трокша, Шветсия Томас Данестад, Ҷумҳурии Финляндия Илка Райсанен ва Юнон хонум Екатерина Насика эътимодномаҳоро бо паёму дуруд аз роҳбарияти кишварҳояшон тақдим карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ сафиронро ба муносибати таъин гардиданашон ба ин маснади сермасъул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрику таҳният гуфта, бо итминон иброз доштанд, ки фаъолияти самараноки онҳо омили муассири рушду таҳкими муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории гуногунсоҳа байни кишварҳо хоҳад гардид.

Сарвари давлат оид ба рушду таҳкими робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи судманди Тоҷикистон бо Украина, Иттиҳоди Аврупо, Ҷумҳурии Латвия, Шветсия, Ҷумҳурии Финляндия ва Юнон андешаронӣ карданд. Бояд гуфт, ки соли равон аз истиқрори робитаҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Украина, Латвия, Финляндия, Шветсия ва Юнон 30 сол сипарӣ мешавад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ оид ба вазъи кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои ҳамкорӣ бо кишварҳои олам андешаронӣ карда, омодагии Тоҷикистонро ҷиҳати бо иқдомҳои мушаххас ғанӣ гардонидани мазмуну муҳтавои муносибатҳои кишварҳо дар соҳаҳои гуногуни мавриди таваҷҷуҳи тарафайн, ки дорои зарфиятҳои зиёди ҳанӯз истифоданашуда мебошанд, таъкид карданд.

Дар охир Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ба сафирон ба муносибати оғози фаъолияташон барору комёбӣ орзу намуда, омодагии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати мусоидати ҳамаҷониба дар иҷрои рисолати дипломатиашон иброз доштанд.

**www.president.tj**



## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**21-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев суҳбати телефонӣ анҷом доданд.**

Дар рафти суҳбат натиҷаҳои пешакии интихоботи президентӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Сарвари давлати мо муҳтарам Қосим-Жомарт Токаевро ба муносибати аз нав интихоб гардиданаш ба маснади олии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон табрик гуфта, ба ӯ дар фаъолияти давлатиаш комёбиҳои беназир ба нафъи рушди устувор ва шукуфоии Қазоқистони дӯст орзу намуданд.

Ҷонибҳо ҳолат ва дурнамои муносибатҳои дӯстӣ ва шарикии стратегии Тоҷикистону Қазоқистонро баррасӣ намуда, ҷараёни баланди рушду таъмиқи ҳамкории гуногунҷанбаи ҳар ду давлатро таъкид карданд. Дар ин зимн алоқамандии тарафайн ба идомаи амалҳои муштарак ҷиҳати таҳкими минбаъдаи маҷмӯи муносибатҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон мутобиқ ба манфиатҳои аслии ду мардуми ба ҳам бародар таъкид гардид. Мувофиқа ба даст омад, ки ҷонибҳо якҷоя ҷиҳати омодагӣ ба таҷлили 30-солагии истиқрори робитаҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон, ки ба аввали моҳи январи соли оянда рост меояд, чораҷӯӣ менамоянд.

Президентҳо, ҳамчунин, атрофи масъалаҳои алоҳидаи мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ мубодилаи афкор анҷом доданд.

Дар фарҷоми суҳбат Президенти Қазоқистон аз Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати анҷом додани сафари ҷавобии расмӣ ба Қазоқистон дар вақти бароящон муносиб даъват ба амал оварданд. Пешвои миллат дар навбати худ муҳтарам Қосим-Жомарт Токаевро барои боздид аз Тоҷикистон даъват карданд. Муҳлати сафарҳо бо роҳҳои дипломатӣ мувофиқа мешаванд.

## НОМАИ ШОДБОШӢ

**21-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев номаи шодбошӣ ирсол карданд, ки дар он гуфта мешавад:**

**«Муҳтарам Қосим-Жомарт Кемелевич!**

Шуморо ба муносибати пирӯзии қатъӣ дар интихоботи президентӣ самимона шодбош мегӯям. Ба ин муносибат самимонатарин ва беҳтарин таманниёти маро қабул фармоед.

Бори дигар ба маснади олии давлатии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон интихоб гардиданатон далели равшани нуфузи баланди сиёсии Шумо ва дастгирии мардум аз роҳи пешгирифтаатон мебошад ки ба рушди афзоишёбандаи иҷтимоию иқтисодии кишвар ва таҳкими мавқеи он дар арсаи байналмилалӣ нигаронида шудааст.

Бовар дорам, ки дар давраиояндаи роҳбарии Шумо Қазоқистони бародар дар ин роҳ ба қуллаҳои нав мерасад.

Мо талошҳои пайвастаи Шуморо барои ҳамаҷониба тавсеа ва таъмиқ бахшидани муносибатҳои дӯстӣ ва шарикии стратегии Тоҷикистон ва Қазоқистон баланд арзёбӣ менамоем.

Итминон дорам, ки бо амалҳои муштарак минбаъд низ ҳамкории созандаи байнидавлатии Тоҷикистон ва Қазоқистонро пеш бурда, онро бо намунаҳои нави амалии мутобиқ ба манфиатҳои бунёдии халқҳоямон ғанӣ мегардонем.

Ба Шумо аз самими қалб саломатии бардавом, саодатмандӣ ва фаъолияти самараноки минбаъдаи давлатӣ ба нафъи рушди устувори кишваратон ва ба мардуми бародари Қазоқистон сулҳу субот ва шукуфоии устувор таманно дорам».

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**21- уми ноябри соли 2022 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмҳои якум, дуюм ва сеюм» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» мавриди таҳлил қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода барои баррасӣ ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» дар алоҳидагӣ қарор қабул кард.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,
«Садои мардум»**

Муҳокимаи парламентӣ



## НАҚША БАРЗИЁД ИҶРО ШУД, АММО МАНБАЪҲОИ БА АНДОЗБАНДӢ ҶАЛБНАШУДА МАВҶУДАНД

**Ҳабдаҳуми ноябри соли равон таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода «Оид ба рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» дар 9 моҳи соли равон» муҳокимаи парламентӣ баргузор шуд.**

Дар он вакилони Маҷлиси намояндагон, ва намояндагони вазоратҳои молия, иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кишоварзӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карданд.

Маҳмадтоир Зокирзода гуфт, ки омилҳои имрӯзаи ноустувории системаи молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ моро водор месозад, ки оид ба пешгирии таъсири онҳо ба иқтисодиёти кишварамон чораҳои зарурӣ андешем.

- Дар шароити бухрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ манбаи асосие, ки метавонад расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва иҷтимоиро таъмин намояд, буҷети давлатӣ мебошад. Дар навбати худ, вазифаи тамоми мақомоти аз буҷет маблағгузоришаванда аз он иборат аст, ки хароҷоти мақсадноку шаффофи маблағҳои буҷетӣ, назорат ва риояи қатъии интизоми молиявиро таъмин намоянд. Аз ин лиҳоз, вазифаи асосии сохторҳои дахлдор таъмини самаранокии иҷрои буҷети давлатӣ мебошад ва барои амалӣ кардани ин мақсад, пешбурди сиёсати устувори буҷету андоз ва иҷрои барзиёди он, ҷалби захираҳои иловагии молиявӣ, зиёд кардани даромади буҷети ҷумҳуриявӣ, роҳ надодан ба хароҷоти иловагии бесамар ва баланд бардоштани интизоми молиявӣ дар доираи стратегияву барномаҳои давлатӣ мебошад, - таъкид кард номбурда.

Сипас, гузориши раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Маҳмадалӣ Қурбонзода шунида шуд. Ӯ аз ҷумла гуфт, ки ҳаҷми номиналии Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ дар моҳҳои январ - сентябри соли ҷорӣ ба 79,3 млрд. сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 7,8 фоиз баробар гардид.

- Дар давраи мавриди назар гардиши савдои хориҷии ҷумҳурӣ ба 5 миллиарду 410 миллион доллари амрикоӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 18,8 фоиз зиёд мебошад. Дар ин давра музди миёнаи моҳона ба як ҳазору 693,7 сомонӣ баробар гардида, дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 11,4 фоиз афзоиш ёфтааст.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# ТАСДИҚИ СОЗИШНОМА ОИД БА СОХТМОНИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ СЕМЕНТ ДАР ҚУБОДИЁН

**(Идома аз шумораи гузашта)**

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишнома оид ба таъминоти муштараки моддиву техникӣ ва тиббии Қӯшунҳои (Қувваҳои дастаҷамъонаи) Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ» шурӯъ менамоем. Сухан ба вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Мирзо дода мешавад. Марҳамат.

**ШЕРАЛӢ Мирзо:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқи Созишнома оид ба таъминоти муштараки моддӣ-техникӣ ва тиббии Қӯшунҳои (Қувваҳои дастаҷамъонаи) Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ» дар асоси моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади эътибор пайдо кардани созишнома ба манзури шумо пешниҳод карда мешавад.

Он дар доираи татбиқи афзалиятҳои раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ таҳия гардида, 16 - уми сентябри соли 2021 дар шаҳри Душанбе ба имзо расонида шудааст.

Тибқи қарорҳои Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ, дар низоми қувваю воситаҳои амнияти дастаҷамъии созмон Қувваҳои муштараки вокуниши фаврӣ, Қувваҳои муштараки густариши зудамали минтақаи Осиёи Марказӣ, Қувваҳои муштараки сулҳҷӯёна ва дигар намуди қӯшунҳо таъсис дода шудаанд.

Дар рафти гузаронидани чорабиниҳои омодагии ҷангӣ ва машқу тамринҳои ҳарбӣ амалҳои дастаҷамъонаи ин қувваҳо санҷида шуда, ҷиҳати мукаммалгардонии заминаҳои ҳуқуқӣ барои танзими ҳама паҳлуи фаъолияти ин қувваҳо пайваста тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар ин раванд, ҷиҳати ба танзим даровардани масъалаҳои ташкили таъминоти моддӣ-техникӣ ва тиббии қӯшунҳо, муқаррар кардани тартиб ва меъёрҳои ягонаи ҷамъоварӣ ва захиранамоии воситаҳои моддӣ Созишнома оид ба таъминоти муштараки моддӣ-техникӣ ва тиббии Қӯшунҳои (Қувваҳои дастаҷамъонаи) Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба имзо расонида шудааст.

Созишнома сиёсати ягонаи тарафҳоро дар самти ташкили таъминот, аз ҷумла таъминоти ақибгоҳӣ, таъминоти техникӣ, таъминоти тиббӣ, таъминоти коммуналӣ, тартиби интиқоли бору молҳои ҳарбӣ, нигоҳдории роҳҳои автомобилгард ва нуқтаҳои борфарорӣ, захиранамоии пешакии воситаҳои моддӣ, пешниҳоди бинову иншооти таъминотӣ ва дигар воситаҳои моддӣ, таъмир ва барқароркунии техника ва аслиҳаи корношоямшуда, инчунин тартиби ҳисоббаробаркунӣ байни тарафҳоро муайян менамояд.

Хароҷот вобаста ба ташкили таъминоти моддӣ-техникӣ ва тиббӣ, инчунин захиранамоии воситаҳои моддӣ аз ҷониби тарафҳо мустақилан амалӣ карда мешаванд.

Ҳамзамон, бо созиши ҳамдигар тарафҳо метавонанд ба таври муштарак дар ҳудуди яке аз давлатҳо чунин захираҳоро таъсис ва нигоҳ доранд.

Тасдиқи созишномаи зикргардида, барои ба танзим даровардани муносибат байни мақомоти ваколатдори тарафҳо зимни амалигардонии чорабиниҳо оид ба ташкили таъминоти ҳамаҷонибаи ҷузъу томҳо зимни иҷрои вазифаҳои ҷангӣ ва чорабиниҳои муштараки омодагии ҷангӣ ва амалиётӣ манфиатнок арзёбӣ мегардад.

Тасдиқи созишнома зарурати ворид кардани тағйиру иловаҳоро ба қонунгузории миллӣ ба миён намеорад ва хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш мекунам, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Ҳаёт Одинаев дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳаёт ОДИНАЕВ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома оид ба таъминоти муштараки моддиву техникӣ ва тиббии Қӯшунҳои (Қувваҳои дастаҷамъонаи) Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ 16-уми сентябри соли 2021 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Он тибқи Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14-уми ноябри соли 2022 таҳти №1437 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Кумита масъалаи зикргардидаро 15-уми ноябри соли 2022 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дода, он аз ҷониби иштирокдорони ҷаласа ҷонибдорӣ ёфт.

Созишнома оид ба таъминоти муштараки моддиву техникӣ ва тиббии Қӯшунҳои (Қувваҳои дастаҷамъонаи) Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба талаботи моддаи 57-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа», «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома оид ба таъминоти муштараки моддиву техникӣ ва тиббии Қӯшунҳои (Қувваҳои дастаҷамъонаи) Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Дар хусуси Протокол дар бораи ворид намудани тағйирот ба Созишнома оид ба фаъолияти сулҳоваронаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 6 - уми октябри соли 2007» шурӯъ менамоем. Сухан ба вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Мирзо дода мешавад. Марҳамат.

**ШЕРАЛӢ Мирзо:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқи Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишнома дар бораи фаъолияти сулҳоваронаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 6-уми октябри соли 2007» дар асоси моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади эътибор пайдо кардани протокол ба шумо пешниҳод карда мешавад.

Он дар давраи раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ 16-уми сентябри соли 2021 дар шаҳри Душанбе ба имзо расонида шудааст.

Яке аз афзалиятҳои давраи раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар соли 2021 мукаммалгардонии фаъолияти сулҳоваронаи созмон ба ҳисоб рафта, протоколи мазкур дар ин раванд таҳия ва ба имзо расонида шудааст.

Тибқи он, ба моддаи 1 - уми созишнома дар бораи фаъолияти сулҳоваронаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 6 - уми октябри соли 2007 илова ва моддаи 8-уми он дар таҳрири нав оварда шудааст.

Тағйироту иловаи воридгардида пешбинӣ менамоянд, ки зимни банақшагирӣ ва иштирок дар амалиётҳои сулҳоварона, тибқи ваколат (мандат)-и Созмони Милали Муттаҳид, бо қарори Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ аз ҳисоби яке аз давлатҳои аъзои созмон давлати ҳамоҳангсоз таъин карда мешавад.

Давлати ҳамоҳангсоз барои ҳалли масъалаҳои ташкилӣ ва таъминоти ҳаматарафаи истифодаи Қувваҳои сулҳоваронаи дастаҷамъӣ дар амалиёти Созмони Милали Муттаҳид оид ба нигоҳдории сулҳ масъул мебошад.

Дар баробари ин, ҳар як давлат ҳуқуқ дорад, ки мустақилона қувваҳои сулҳоваронаи худро барои иштирок дар амалиётҳои сулҳоваронаи Созмони Милали Муттаҳид равон намояд ва аз ин қарори худ Шӯрои амнияти дастаҷамъиро хабардор созад.

Тасдиқи протоколи зикргардида имкон медиҳад, ки ҳайати шахсии ҷузъу томҳои сулҳҷӯёнаи Қувваҳои Мусаллаҳи кишварамон мустақилона ё дар ҳайати Қувваҳои сулҳоваронаи дастаҷамъии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар амалиётҳои сулҳоварона дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ иштирок карда, сиёсати сулҳҷӯёна ва башардӯстонаи ҷумҳуриамонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намоянд, инчунин тахассус ва маҳорати касбиашонро боз ҳам такмил диҳанд.

Тасдиқи созишнома зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қонунгузории миллӣ ба миён намеорад ва аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки протоколи зикргардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Ҳуснигул Одиназода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳуснигул ОДИНАЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Протокол дар бораи ворид намудани тағйирот ба Созишнома оид ба фаъолияти сулҳоваронаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 6 - уми октябри соли 2007 шонздаҳуми сентябри соли 2021 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Он тибқи Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14-уми ноябри соли 2022 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Кумитаи масъул масъаларо 15 - уми ноябри соли 2022 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дод.

Протоколи мазкур аз ҷониби иштирокдорони ҷаласа ҷонибдорӣ карда шуд. Протокол дар бораи ворид намудани тағйирот ба Созишнома оид ба фаъолияти сулҳоваронаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 6- уми октябри соли 2007 ба талаботи моддаи 57- уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12- уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа», «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Протокол дар бораи ворид намудани тағйирот ба Созишнома оид ба фаъолияти сулҳоваронаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 6 - уми октябри соли 2007» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати инвеститсионию истеҳсолии «Ориён Инвест» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли семент дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон» шурӯъ менамоем.

Сухан ба раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саъдӣ Қодирзода дода мешавад. Марҳамат.

**Саъдӣ ҚОДИРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ ва ҳозирини арҷманд!**

Бо мақсади амалигардонии ҳадафи чоруми стратегии Ҳукумати мамлакат – саноатикунонии босуръати кишвар ва эълон гардидани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 29-уми июли соли 2022 таҳти №376) 1-уми сентябри соли 2022 Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати инвеститсионию истеҳсолии «Ориён Инвест» оид ба сохтмон ва ба истифода додани Корхонаи истеҳсоли семент дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон ба имзо расонида шуд.



Вобаста ба ин мавзӯъ қаблан аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати энергетикию техникии «Ya-chzhong»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли семент дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон таҳия гардида, аз 9 - уми феврали соли 2021 таҳти №1-2в/470 ба баррасии вазорату идораҳо ирсол карда шуд.

Дар раванди баррасии хулосаи расмии Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва дар асоси муроҷиати расмии Ширкати инвеститсионию истеҳсолии «Ориён Инвест» дар ном ва тамоми матни лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаи созишномаи сармоягузории ишорашуда калимаҳои «Ширкати энергетикию техникии «Ya-chzhong»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой» ба калимаҳои «Ширкати инвеститсионию истеҳсолии «Ориён Инвест» иваз карда шуд.

Ширкати инвеститсионию истеҳсолии «Ориён Инвест» ширкати ватанӣ маҳсуб ёфта, татбиқи лоиҳаро дар асоси созишномаи сармоягузории мазкур бо ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба анҷом хоҳад расонид.

Амалишавии лоиҳа уҳдадории қарзиро барои давлат ба вуҷуд намеорад ва маблағҳо аз ҳисоби фоидаи бадастомада баргардонида мешаванд. Лоиҳа аз ду марҳилаи асосӣ иборат буда, барои бунёди марҳилаи якуми корхона 120 миллион доллари амрикоӣ сармояи хориҷӣ ҷалб карда мешавад.

Марҳилаи якум бо ду хатти истеҳсолӣ, аз ҷумла сементи баландсифати навъи ба сулфат тобовар ва навъи М - 400 ва бо иқтидори истеҳсолии 5 ҳазор тонна дар як шабонарӯз сохта, ба истифода дода мешавад.

Барои татбиқи марҳилаи дуюми лоиҳа бунёди ду хатти иловагии истеҳсолӣ пешбинӣ шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории он 40 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Бо пурра ба фаъолияти истеҳсолӣ оғоз кардани корхонаи истеҳсоли семент беш аз 1300 ҷои нави кор муҳайё мегардад, ки 80 фоиз аз ҳисоби кормандони маҳаллӣ хоҳанд буд.

Сармоягузор дар давраи амалисозии лоиҳа аз пардохти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ (13 фоиз барои истеҳсолот) ва андози иҷтимоии шаҳрвандони хориҷӣ - ғайрирезидент (дар шакли андози даромади шахсони воқеӣ пардохт мешавад-20 фоиз) ба муҳлати 5 сол озод мебошад.

Воридоти молу маҳсулот ва ашёи хоме, ки бевосита барои амалисозии лоиҳа истифода мешаванд, инчунин техникаи воридшаванда, аз пардохтҳои гумрукӣ озод мегарданд.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи созишномаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Абдуҳалим Ғаффорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Абдуҳалим ҒАФФОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати инвеститсионию истеҳсолии «Ориён Инвест» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли семент дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон 7-уми сентябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Он бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия супорида шуд.

Лоиҳа дар муддати панҷ сол амалӣ мегардад, он аз ҳисоби сармоягузори хориҷӣ - Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати инвеститсионию истеҳсолии «Ориён Инвест» маблағгузорӣ карда мешавад ва хароҷоти иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад.



Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ тасдиқ кардани созишномаро дар хулосаҳояшон ҷонибдорӣ намуданд.

Кумитаи масъул 15 -уми ноябри соли 2022 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳо, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ созишномаро мавриди баррасӣ қарор дода, тасдиқ кардани онро мувофиқи мақсад шуморид.

Созишнома ба моддаи 57-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ», «Дар бораи сармоягузорӣ» ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Марҳамат.

**Рустам ЛАТИФЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ ва ҳозирини арҷманд!**

Тоҷикистон дорои захираҳои бои саноати кӯҳӣ мебошад. Яке аз самтҳои афзалиятнок ва ба рушди иқтисодиёт мусоидаткунанда саноати истеҳсоли семент аст. Кишвари мо дар ин самт имкониятҳои бузурги истифоданашуда дорад.



Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ ба ифтихори 30-юмин солгарди баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карданд, соли 1990 дар кишвар ҳамагӣ 500 ҳазор тонна семент истеҳсол шуда буд. Соли 2021 истеҳсоли семент ба 4 миллиону 500 ҳазор тонна расонида шуд. Дар назар аст, ки истеҳсоли ин ашёи муҳими стратегӣ ба зиёда аз 6 млн. тонна расонида шавад.

Созишнома оид ба амалӣ намудани лоиҳаи бунёди корхонаи истеҳсоли семент аз ҷиҳати стратегӣ ва амнияти давлатӣ низ муҳим мебошад. Имрӯз бунёди неругоҳҳои барқи обии хурду бузург, иншооти азими иқтисодӣ, шаҳрсозӣ ва умуман сохтмони мамлакатро бе истеҳсол ва таъмини устувор бо сементи худӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Аз тарафи дигар, ҳавасманд гардонидан, ҷалби сармояи ватанӣ ва сармоягузори ватанӣ ба рушди ин соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат, ки дар навбати худ таъминкунандаи ҷойҳои нави кор ва баландбардорандаи сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошанд, мусоидат хоҳад кард. Хусусан, дар ҳоле, ки саноатикунонии босуръати мамлакат ҳадафи чоруми стратегии рушди устувори иқтисодӣ муайян карда шудааст.

Лоиҳаи созишнома пурра ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» мутобиқ мебошад ва ба амалӣ гаштани ҳадафҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030» мусоидат мекунад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати инвеститсионию истеҳсолии «Ориён Инвест» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли семент дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба мубодила ва ҳифзи мутақобилаи иттилооти махфӣ» шурӯъ менамоем.

Сухан ба муовини сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммад Сафарзода дода мешавад. Марҳамат.

**Муҳаммад САФАРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар заминаи ҳусни ҳамҷаворӣ, ҳамкории мутақобилан судманд ва иродаи қавии роҳбарони Тоҷикистону Ӯзбекистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба мубодила ва ҳифзи мутақобилаи иттилооти махфиро 2-юми июни соли 2022 дар шаҳри Тошканд ба имзо расониданд.

Он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми октябри соли 2022 ҷиҳати иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатӣ, ки барои эътибори қонунӣ пайдо кардани он зарур мебошад, барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Созишнома аз 17 банд таркиб ёфта, бо мақсади таъмини ҳифзи мутақобилаи иттилооти махфии додашуда ва (ё) дар ҷараёни ҳамкориҳои дуҷониба бавуҷудомада, бо дарназардошти манфиатҳои мутақобилаи тарафҳо дар таъмини ҳифзи иттилооти махфӣ, тибқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон, таҳия гардидааст.

Мутобиқи созишнома ва қонунгузории худ тарафҳо уҳдадор мешаванд, ки иттилооти махфии аз тарафи дигар додашударо ё дар ҷараёни ҳамкориҳои тарафҳо бавуҷудомадаро ҳифз намуда, муҳри махфидоштаи иттилооти аз тарафи дигар додашударо бе розигии хаттии он тағйир надиҳанд. Дар асоси он дастрасии иттилооти махфӣ танҳо ба шахсоне дода мешавад, ки дорои рухсати дахлдор буда, иттилооти мазкур барои иҷрои вазифаҳои хизматиашон зарур мебошад.

Қарори додани иттилооти махфии мушаххасро тарафҳо дар алоҳидагӣ қабул намуда, онро бо роҳҳои дипломатӣ, тавассути хадамоти фелдегерӣ ё хадамоти дигар медиҳанд. Инчунин, созишнома ташрифи намояндагони дорои рухсат ба сирри давлатии давлати яке аз тарафҳоро, ки дастрасии онҳоро ба иттилооти махфии тарафи дигар пешбинӣ менамоянд, тибқи қонунгузории тарафҳо иҷозат медиҳад.

Созишномаи зикршуда ба муҳлати номаҳдуд баста шуда, аз санаи тариқи роҳҳои дипломатӣ гирифтани огоҳиномаи охирини хаттӣ дар бораи аз ҷониби тарафҳо иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибори қонунӣ пайдо кардани он зарур аст, эътибор пайдо мекунад.

Аз шумо, вакилони арҷманд, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯи масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саодатшо Матробиён дода мешавад. Марҳамат.

**Саодатшо МАТРОБИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба мубодила ва ҳифзи мутақобилаи иттилооти махфӣ 2-юми июни соли 2022 дар шаҳри Тошканд ба имзо расида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Он бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми октябри соли 2022 таҳти №1415 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот ва барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардид.



Созишнома бо мақсади таъмини ҳифзи мутақобилаи иттилооти махфии додашуда ва (ё) дар ҷараёни ҳамкориҳои дуҷониба бавуҷудомада, бо дарназардошти манфиатҳои мутақобилаи тарафҳо дар таъмини ҳифзи иттилооти махфӣ, тибқи санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон таҳия гардида, барои ба анҷом расонидани расмиёти дохилидавлатии дахлдор ва эътибори қонунӣ пайдо кардани он пешниҳод шудааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба мубодила ва ҳифзи мутақобилаи иттилооти махфиро пурра ҷонибдорӣ намудаанд.

Созишномаи зикргардида ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ мебошад.

Аз шумо, вакилони арҷманд, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба мубодила ва ҳифзи мутақобилаи иттилооти махфӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Комрон Исмоилиён дода мешавад. Марҳамат.

**Комрон ИСМОИЛИЁН:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллӣ Р. Аҳмадзода, Ш. Ҷумъазода, М. Набизода ва вакилони Маҷлиси намояндагон Хайрулло Амонулло ва Бахтиёр Аҳмадзода бо мақсади таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи меъёрҳои кодекси мазкур, бартараф кардани носаҳеҳиву норасоии дар он мавҷудбуда, ҳимояи ҳуқуқи мусофирон, таъмини хизматрасонӣ дар сатҳу сифати зарурӣ, таъмини амнияти миллӣ ва авиатсионӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Мутобиқи қисмҳои 1, 2 ва 3-юми лоиҳа, баҳри бартараф кардани мухолифатҳои ҷойдошта, риояи имлои забони тоҷикӣ ва мутобиқ кардани меъёрҳо ба Конститутсияи мамлакат дар тамоми матни кодекс тағйироти тасҳеҳӣ анҷом дода шудааст.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# ТАСДИҚИ СОЗИШНОМА ОИД БА СОХТМОНИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ СЕМЕНТ ДАР ҚУБОДИЁН

(Идома аз саҳ. 2)

Бо илова ба моддаи 38 бақайдгирии ҳавопаймо, ки аз уҳдадории байналмилалии Тоҷикистон бармеояд, такмил дода шуда, бо илова ба қисми панҷуми моддаи 72 талабот нисбат ба пешниҳоди маълумот ба ҳавопаймоҳое, ки барои мақсадҳои ҳарбӣ, гумрукӣ ва мақомоти корҳои дохилӣ истифода мешаванд, истисно гардидааст. Бо моддаи нави иловашавандаи $75^{1}$ муносибатҳо марбут ба пешниҳоди маълумоти шахсии дастрасиашон умумии мусофирони ҳавопаймо ва дигар маълумот дар бораи ҳамлу нақли мусофирони ба Тоҷикистон воридшаванда ва аз он беруншаванда пешбинӣ шуда, тартиби иттилоотонии ҳамлу нақлдиҳандагони ҳавоии байналмилалии мусофирон дар бораи мусофироне, ки вуруди онҳо ба Тоҷикистон манъ мешавад, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат муайян мегардад.

Ба хотири муайян намудани ҳуҷҷатҳои дахлдор ва такмили ҳуқуқи мусофирон ба моддаи 99 меъёрҳо дар бобати пардохти хизматрасонӣ ва пардохти ҳамлу нақли ҳавоии мусофирон дар асоси тарифҳо барои ҳамлу нақли дохилӣ пешбинӣ шуда, ба корхонаҳои авиатсионӣ ҳуқуқ дода шудааст, ки аз ҳисоби худашон барои категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон имтиёзҳо муқаррар кунанд. Дар моддаҳои 100 ва 101 тағйиру иловаҳо ворид шудаанд, ки тибқи онҳо:

- бо ташаббуси ҳамлу нақлдиҳанда амали шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии мусофир, дар сурати манъ будани вуруди мусофир ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ё давлати дигар қатъ мешавад;
- шартҳои баргардонидан ё барнагардонидани маблағи барои ҳамлу нақли ҳавоӣ пардохташуда, муайян шудаанд.

Дар мувофиқа бо субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ 35 таклифи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, аз онҳо 25-тояш қабул, 9-тояш қисман қабул ва 1-тояш қабул нашуд.

Кумитаи масъул 8-уми ноябри соли 2022 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Қодири Қосим, намояндагони кумитаҳо, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати мамлакат лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, қабул намудани онро бо ба назар гирифтани хулосаҳои пешниҳодгардида маъқул донист.

Тағйироти воридгардида лоиҳаи қонунро мукаммал намуда, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», дигар санадҳои қонунгузорӣ мутобиқ гардонида шудааст ва қабули он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд.

Аз шумо хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» шурӯъ менамоем.

Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Рустам Раҳматзода дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам РАҲМАТЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидмурод Фаттоҳзода, Парвина Маликзод, Муҷибахон Ҷавҳарӣ, Файзулло Баротзода ва Муҳаммадраҳим Юсуфӣ пешниҳод шудааст.



Он бо мақсади фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ ҷиҳати гузаштан ба пахши рақамӣ, ҳифзи мундариҷаи миллӣ ва иҷрои уҳдадориҳо бинобар узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо, инчунин мутобиқгардонии меъёрҳои қонуни амалкунанда ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ», «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ва «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия гардидааст.

Тағйироту иловаи пешниҳодшуда ба моддаҳои 6, 10,13, 14, ва 17-уми қонуни амалкунанда баҳри бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдошта, риояи имлои забони тоҷикӣ, истифодаи истилоҳу ибораҳо бо назардошти услуби ягона, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва мантиқи ҳуқуқӣ, мушаххасу саҳеҳ гардонидани меъёрҳо ва мутобиқгардонии меъёрҳои моддаҳои зикргардида ба талаботи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намудани лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои мукаммал намудани он 11 таклифу пешниҳод манзур карда шуд, ки аз он 8 адад қабул, 2 адад қисман қабул ва 1 адад қабул нагардид.

Кумитаи масъул 8-уми ноябри соли 2022 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, қабул намудани онро мувофиқи мақсад шуморид.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Аз шумо хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа ворид гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Ба шумо, вакилони муҳтарам ва ҳозирини гиромӣ, барои фаъол будан изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# НАҚША БАРЗИЁД ИҶРО ШУД, АММО МАНБАЪҲОИ БА АНДОЗБАНДӢ ҶАЛБНАШУДА МАВҶУДАНД

(Идома аз саҳ. 1)

Мусбат ҷамъбаст гардидани нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар имкон дод, ки нишондиҳандаҳои фискалӣ, аз ҷумла даромад, хароҷот ва касри буҷет низ, дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шаванд, - зикр кард нотиқ.

Дар ин давра иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои воридот дар сатҳи 103,2 фоизи нақша таъмин ва ба буҷети давлатӣ 24,3 миллиард сомонӣ ворид гардид.



Барзиёдии воридоти маблағ нисбат ба нақшаи тасдиқшуда 757,4 миллион сомониро ташкил дод.

Аз он нигаронӣ шуд, ки аз ҳисоби ду сарчашмаи воридот 383,7 миллион сомонӣ, аз ҷумла (андози иҷтимоии корхонаҳои ғайрибуҷетӣ 59,9 миллион сомонӣ) ва андоз аз арзиши иловашудаи дохилӣ 323,8 миллион сомонӣ, нақшаи даромад иҷро карда нашуд.

Нишондиҳандаҳои иҷрои буҷети давлатӣ назаррасанд, аммо манбаъҳои иловагии ғанигардонии буҷет мавҷуданд. Аз ҷумла, панҷ шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ уҳдадориҳоро аз рӯи контингенти умумии даромад ба маблағи умумии 90,3 млн. сомонӣ, аз ҷумла шаҳри Роғун 68,4 миллион сомонӣ, Ҳисор - 7,9, Норак - 11,7, ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ - 1,2 ва Панҷ 1,1 миллион сомонӣ таъмин накарданд.

Дар давраи зикршуда тавассути Раёсати андозсупорандагони калон ба буҷети ҷумҳуриявӣ 1,5 миллиард сомонӣ ворид шуд, ки он нисбат ба нақшаи пешбинишуда 16,1 млн. сомонӣ кам мебошад.

Маҳмадалӣ Қурбонзода эътироф кард, ки бо вуҷуди чораҳои андешидашуда мушкили ҳалталаб боқӣ мондани бақияпулиҳои андоз аст.

Бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бақияпулиҳои андоз аз эътибор соқит шуда бошад ҳам, дар ин давра бақияпулиҳои нав пайдо гардидаанд.

Ин нишондиҳанда нисбат ба аввали сол 263,9 миллион сомонӣ (32,7 фоиз) афзоиш ёфта, 1-уми октябри соли 2022 ба 1,1 миллиард сомонӣ баробар гардид.



Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода «Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» дар нуҳ моҳи соли равон» ҳисобот дод.

Бино ба гуфти ӯ, нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ дар моҳҳои январ – сентябри соли ҷорӣ 103,2 фоиз таъмин гардида, ба буҷети давлатӣ 24,3 миллиард сомонӣ ворид гардид.

Дар ин давра нақшаи андоз ва пардохтҳо дар ВМКБ 106,4 фоиз, вилояти Хатлон - 102,4, вилояти Суғд - 105,1, шаҳри Душанбе - 100,9 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 101,7 фоиз иҷро шуд.

Қисми даромади дохилии буҷетҳои маҳаллӣ 104 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 5,8 миллиард сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нақша 219,2 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

- Моҳҳои январ – сентябри соли ҷорӣ ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ 23,2 млрд. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 16,7 млрд. сомонӣ, маблағҳои махсуси ташкилоти буҷетӣ 1,9 млрд. сомонӣ ва аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 4,6 млрд. сомонӣ, равона шуд. Аз ҷумла, ба соҳаҳои ҳокимият ва идоракунии давлатӣ 1,1 миллиард сомонӣ, маориф - 4,4 миллиард, тандурустӣ - 1,8 миллиард, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ - 2,9 миллиард, хоҷагии манзилию коммуналӣ - 1,3 миллиард, фарҳанг ва варзиш - 750,9 миллион, комплекси сӯзишворию энергетикӣ - 4,3 миллиард, кишоварзӣ - 679 миллион, сохтмон ва саноат - 187,7 миллион, нақлиёт ва коммуникатсия 1,6 миллиард сомонӣ ҷудо гардид. Барои пардохти музди меҳнати кормандони ташкилотҳои буҷетӣ 5,1 миллиард сомонӣ ё 22,1 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ, дигар моддаҳои ҳимояшаванда, бахусус барои пардохти хизматрасонии коммуналӣ 279,2 миллион сомонӣ, идрорпулӣ 83,6 миллион сомонӣ, нафақа 2,3 миллиард сомонӣ, ҷубронпулӣ ва кумакпулиҳо 386,5 миллион сомонӣ пардохт шуд, - изҳор дошт номбурда.

Нотиқ афзуд, ки бо мақсади бунёди иншооти хусусияти иҷтимоӣ ва аҳамияти стратегидошта аз ҳисоби сармоягузориҳои асосии мутамаркази буҷети давлатӣ 4,2 миллиард сомонӣ равона шудааст.

Барои хизматрасонии қарзи берунаи давлатӣ 198 миллион доллари амрикоӣ, аз ҷумла қарзи асосӣ 134,6 миллион ва фоизҳои он 63,4 миллион доллар, пардохт шуд.

Моҳҳои январ – сентябри соли ҷорӣ дар доираи ҳамкориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои молиявии ҷаҳонӣ нуҳ созишномаи нави қарзию грантӣ барои амалӣ намудани ҳашт лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 323,9 миллион доллари амрикоӣ, ки аз он 297,9 миллион (92 фоиз) грант ва 19 миллион (5,6 фоиз) қарз ва 7 миллион доллар (2,4 фоиз) саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ба имзо расида, дар Маҷлиси намояндагон тасдиқ шудаанд.

Бино ба гуфти ӯ, бо мақсади ҷалби маблағи иловагӣ ҷиҳати рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва дастгирии буҷети давлатӣ ҳамкорӣ ва мукотиботи зарурӣ бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ мунтазам ба роҳ монда шуда, то охири соли ҷорӣ дар доираи 10 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ баимзорасии созишномаи нави қарзию грантӣ ба маблағи 434,5 млн. доллари амрикоӣ пешбинӣ шудааст.

Муовини якуми раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбҷон Солеҳзода оид ба чораҳои андешида ҷиҳати иҷрои нақшаи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ маълумот дод. Бино ба гуфти ӯ, дар нуҳ моҳи соли 2022 иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба андозаи 102,9 дарсад таъмин гардида, ба ҷои 10 миллиарду 992,4 миллион сомонӣ, ба буҷети давлатӣ 11 миллиарду 311,3 миллион сомонӣ ворид гардид.



Дар ин давра иҷрои нақшаи андозҳо ва пардохтҳо дар ВМКБ 106,4 дарсад, вилояти Хатлон - 102, вилояти Суғд - 105,1, шаҳри Душанбе - 100,9, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 101,7 ва Раёсати андози андозсупорандагони калон 96,5 дарсад таъмин шуд.

Иҷрои нақша аз тарафи ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» - 70,9 дарсад, КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» - 90,4, ҶСК «Тоҷиктелеком» - 39,9, ширкатҳои мобилӣ - 57,5 ва ҶСК «НБО Роғун» 18,1 дарсад таъмин гардида, аз ин ҳисоб ба буҷет 408,3 миллион сомонӣ кам ворид гардид.

Сабабҳои асосии дар ин давра таъмин нашудани иҷрои нақша чун солҳои қаблӣ нокифоя афзоиш ёфтани манбаъҳои андозбандӣ, зиёд шудани хароҷоти беасос, фоидаи ночиз ё бо зарар ҷамъбаст намудани фаъолият, ба вуҷуд омадани арзиши изофа ҳангоми таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо, кам шудани шумораи коргарон ва музди миёнаи моҳона алоқаманд мебошад.

Ҳамзамон, дар ин марҳила иҷрои нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ – 96 дарсад ва андоз аз арзиши иловашуда 88,1 дарсад таъмин шуда, дар натиҷа ба буҷет 382,1 миллион сомонӣ, аз ҷумла, аз ҳисоби андоз аз арзиши иловашуда 32 ,6 миллион сомонӣ, ворид нагардид.

Аюбҷон Солеҳзода сабабҳои асосии дар ин давра кам шудани воридоти андоз ва пардохтҳо ба буҷетро тибқи муқарраროти Кодекси андоз дар таҳрири нав маҳдуд шудани ваколатҳои мақомоти андоз оид ба анҷом додани корҳои назоратӣ, аз ҷумла назорати камералӣ ва то 1-уми январи соли 2023 эълон гардидани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, арзёбӣ кард.

Сардори Хадамоти гумруки назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Каримзода низ



доир ба гардиши савдои хориҷа ва ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ маълумот дод.

Номбурда зикр кард, ки гардиши тиҷорати хориҷӣ дар нуҳ моҳи соли 2022-юм 5 миллиарду 602,5 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 27,6 фоиз ё 1 миллиарду 212,2 миллион доллар зиёд мебошад. Аз маблағи умумии гардиши тиҷорати хориҷӣ ба воридот 3 миллиарду 793,7 миллион доллар рост меояд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 770,4 миллион доллар ё 25,5 дарсад зиёд мебошад. Содирот ба 1 миллиарду 808,8 миллион доллар баробар шуда, дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 4 миллиарду 41,7 миллион доллар ё 32,3 фоиз афзуд.

Бино ба гуфти ӯ, барои нуҳ моҳи соли 2022 нақшаи ситонидани пардохтҳои гумрукӣ 4 миллиарду 782,7 миллион сомонӣ пешбинӣ гардида, ба буҷети давлатӣ 5 миллиарду 326,9 миллион сомонӣ ворид шуд, ки ба 111,4 фоизи нақша баробар аст.

Ба барзиёд иҷро гардидани нақшаи пардохтҳои гумрукӣ такмили низоми маъмурикунонии гумрукӣ, аз қабили назорати муайян намудани арзиши гумрукии моли воридотӣ, таъмини сифатнокии барасмиятдарории гумрукӣ, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо субъектони фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, пурзӯр намудани фаъолият дар самти пешгирии воридоти ғайриқонунии мол ва назорати баъд аз барасмиятдарории гумрукӣ мусоидат намуд.

- Дар натиҷаи аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани тадбирҳои дахлдор истеҳсоли як қатор молу маҳсулот дар дохили ҷумҳурӣ рушд карда, воридоти онҳо аз хориҷи кишвар коҳиш ёфт. Барои мисол, дар нуҳ моҳи соли 2022 нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 воридоти равғани рустанӣ 28,6 фоиз, макарон - 32,2, гӯшти мурғ - 34,8, маҳсулот аз санг, гач, семент 14,5, ҷиҳоз (мебел) -16,7, нӯшокиҳои спиртӣ - 38,8, маҳсулоти фарматсевтӣ - 11,9, хӯроки тайёр барои ҳайвонот - 10,8, маҳсулоти қаннодӣ аз шакар 8,1 фоиз кам гардид.

Дар нуҳ моҳи соли 2022 моли воридотии аз имтиёзҳои тарифию андозӣ дар шакли пурра ва ё қисман бархӯрдор 79 фоизи ҳаҷми умумии воридоти мол дар низоми гумрукии «Иҷозат барои муомилоти озод»-ро ташкил намуд. Яъне, аз ҳаҷми умумии воридоти мол дар низоми гумрукии «Иҷозат барои муомилоти озод» 21 фоизи он (753,9 млн. доллар) пурра мавриди андозбандӣ қарор гирифта, арзиши гумрукии молҳое, ки нисбат ба онҳо имтиёзҳои тарифию андозӣ қисман татбиқ гардидаанд, 1 миллиарду 606,0 миллион доллар (44,8 фоиз) ва арзиши гумрукии молҳои пурра аз имтиёзҳои тарифию андозӣ бархӯрдор 1 миллиарду 226,4 миллион долларро (34,2 фоиз) ташкил намудаанд. Дар маҷмӯъ, арзиши гумрукии моли воридотӣ, ки аз имтиёзҳои тарифию андозӣ бархӯрдор гардидаанд, ба 2 миллиарду 832,4 млн. доллар баробар буда, пардохтҳои гумрукии озодкардашуда ба ҳисоби миёна 4 миллиарду 348,8 млн. сомониро ташкил дод, - изҳор дошт Хуршед Каримзода.

Директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилмурод Давлатзода оид ба иҷрои қисми даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа маълумот дод. Маълум гардид, ки дар нуҳ моҳи соли 2022 ба бучети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби андози иҷтимоӣ, ки ба андозаи 2 миллиарду 622,4 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шуда, 2 миллиарду 559,5 миллион сомонӣ ворид гардид, ки 97,6 дарсади нақшаро ташкил медиҳад.



Талаботи моҳонаи нафақа дар як моҳ 252,8 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,2 фоиз афзудааст.

Дар маҷмӯъ, иҷрои қисми хароҷоти буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 2 миллиарду 423,6 миллион сомонӣ (99,8 фоиз) таъмин гардида, дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2021-ум 3,1 фоиз зиёд мебошад.

Муовини раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Аҳмадзода вобаста ба чорабиниҳои аудитории гузаронидаи Палатаи ҳисоб дар нуҳ моҳи соли 2022 маълумот дод. Бино ба гуфти ӯ, дар ин давра 131 чорабинии аудиторӣ гузаронида, қоидавайронкуниҳои молиявӣ ба маблағи 210,4 миллион сомонӣ муайян гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли сипаригашта ба маблағи 62,5 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Аз ин хароҷоти ғайриқонунии пулию молӣ 19,5 миллион сомонӣ, камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ 1,7 миллион, изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмон 22,4 миллион, зарар аз фурӯш ва иҷораи амволи давлатӣ 673 ҳазор, талафи воситаҳои пулию молӣ 71,7 миллион, маблағи кам ҳисобгардида ва рӯйпӯшнамудаи андозҳо 65,1 миллион, пардохти ҳатмӣ ва дигар пардохтҳо ба буҷети давлатӣ 25,7 миллион ва пардохт накардани суди саҳмияҳои ба давлат тааллуқдошта 3,4 миллион сомониро ташкил медиҳад.



- Оид ба бартараф намудани камбудиҳои муайянгардида чораҳои мушаххас андешида шуда, 208,9 миллион сомонӣ, аз ҷумла ба буҷет 96,9 миллион сомонӣ, ба корхонаҳо 94,5 миллион сомонӣ ва тавассути мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 17,5 миллион сомонӣ, барқарор шуд. Ин нишондиҳанда 99,3 фоизи маблағи умумии қоидавайронкуниҳои молиявиро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 71,3 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳамчунин, тибқи чораҳои андешидашуда аз ҳисоби қоидавайронкуниҳои молиявии муайянгардидаи солҳои қаблӣ 1,7 миллион сомонӣ барқарор шуд.

Файзалӣ Аҳмадзода, ҳамчунин, маълумот дод, ки ҷиҳати таъмини арзёбии истифодаи самаранок ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ дар ин давра чорабиниҳои аудиторӣ оид ба баҳодиҳӣ ба ташаккул ва иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ дар ноҳияҳои Носири Хисрав, Шамсиддини Шоҳин, Шаҳритусу Хуросони вилояти Хатлон, шаҳрҳои Панҷакенту Истаравшан, ноҳияи Ашти вилояти Суғд, ноҳияи Дарвози ВМКБ, ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, ноҳияҳои Шаҳринав, Нуробод ва шаҳри Роғун гузаронида шуда, қоидавайронкуниҳои молиявӣ ба маблағи 32,6 миллион сомонӣ ошкор гардид.

Дар натиҷаи андешидани чораҳои зарурӣ 32,6 миллион сомонӣ барқарор карда шуд.



Муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Талбакзода оид ба тафтишу санҷишҳои молиявии дар 9 моҳи соли ҷорӣ гузаронида маълумот дод. Бино ба гуфти ӯ, дар ин давра мутахассисони агентӣ 355 тафтишу санҷишҳои молиявӣ гузаронида, дар натиҷа 157,1 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор гардид. Аз он хароҷоти ғайриқонунии пулӣ 10,8 миллион сомонӣ, камомад ва тасарруф 27,6 миллион, изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмонӣ 44,6 миллион, зарар аз фурӯш ва иҷораи амволи давлатӣ 5,5 миллион, талафи воситаҳои пулию молӣ 27 миллион, маблағи кам ҳисобшуда ва рӯйпӯшгардидаи андозу пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет 41,6 миллион сомониро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, зимни тафтиши маҷмӯи ташаккул ва иҷрои буҷети ду вилоят ва 11 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ б 44,7 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор гардид, ки аз он ба муассисаҳои буҷетии вилояти Суғд 10,4 миллион сомонӣ, вилояти Хатлон 3,3, шаҳри Душанбе - 7,6, Ҳисор - 5,8, Конибодом - 3,5, Гулистон - 2,2, Хоруғ - 1,2, ноҳияҳои Ёвон - 4,6, Фирдавсӣ - 2,5, Восеъ - 1,1 миллион, Ҷалолиддини Балхӣ - 896,9 ҳазор сомонӣ, Шаҳристон - 784,7 ҳазор ва Тоҷикобод 650,5 ҳазор сомонӣ рост меояд.

- Зимни тафтиши фаъолияти 246 сохтори зертобеи вазорату кумитаҳо ва дигар идораҳои давлатӣ ба маблағи 76,6 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор ва 66,1 миллион сомонӣ (86,3 фоиз) барқарор гардид. Зарарҳои молиявии нисбатан калон дар ташкилоту муассисаҳои соҳаи маориф ва илм (23,2 млн. сомонӣ), ҳифзи муҳити зист (12,2 млн. сомонӣ), нақлиёт (6,1 млн. сомонӣ), саноат ва технологияҳои нав (5,8 млн. сомонӣ), тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (2,3 млн. сомонӣ), мақомоти корҳои дохилӣ (1,9 млн. сомонӣ), Агентии захираҳои моддии давлатӣ (4,4 млн. сомонӣ), шабакаҳои тақсимоти барқ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Кӯлоб, Данғара, Спитамен (4,1 млн. сомонӣ), Агентии назорат дар соҳаи маориф (2,8 млн. сомонӣ), ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» ва КВД «Тоҷикаэронавигатсия»-и Агентии авиатсияи граждании (2,6 млн. сомонӣ) ошкор шудааст, - зикр кард номбурда.

Санҷишҳои мутақобилаи гузаронидашуда зимни тафтиши филиалҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» нишон дод, ки муҳосибони 27 ташкилоту муассисаҳои буҷетии шаҳрҳои Кӯлоб, Ҳисор, Турсунзода, Роғун, ноҳияҳои Рашт, Нуробод, Восеъ, Данғара, Ховалинг, Шамсиддини Шоҳин, Муъминобод, Балҷувон, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Темурмалик ва Тоҷикобод 7 миллион сомонӣ маблағҳои барои музди меҳнати кормандон пешбинишударо бо роҳи сохтакории асноди муҳосибӣ тасарруф намудаанд.

Дар маҷмӯъ, бо натиҷаи тафтишу санҷишҳои молиявӣ ва корҳои таҳқиқу тафтишотӣ 138,9 миллион сомонӣ (88,4 фоиз) зарари ошкоргардида барқарор гардид.

Дар охир вакилони Маҷлиси намояндагон ба саволҳояшон аз масъулин посух гирифтанд.

Муҳокимаи парламентиро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷамъбаст намуд. Вобаста ба масъалаи баррасишуда қарори дахлдор қабул гардида, тавсияҳо дода шуданд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

**ОБУНА - 2023**

## ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА БЕРУН АЗ ОН ХАБАРДОР МЕКУНАД.

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, нешохангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА **180 СОМОНӢ** МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 412578 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Макарон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 28.11.2022 09:20:15 |
| 2 | 412588 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии урологӣ» | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 46 | 28.11.2022 10:30:00 |
| 3 | 412586 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Кондитсионер, яхдон, антивирус, техникаи офисӣ, қисмҳои автомобилӣ, молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 96 | 28.11.2022 13:00:00 |
| 4 | 412570 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои маъмурии вазорат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.11.2022 16:40:00 |
| 5 | 412569 | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷдиди бинои кумита | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 01.12.2022 16:30:00 |
| 6 | 412568 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мебели идоравӣ, ниҳоли гул, гилем, курсии корӣ, таҷҳизоти идоравӣ, техникаи маишӣ, молҳои канселярӣ, хоҷагӣ, ҷузъҳои компютерӣ, маҳсулоти электротехникӣ ва сантехникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 144 | 08.12.2022 16:35:00 |
| 7 | 412571 | Шуъбаи сохтмони асосии шаҳри Роғун | Азнавсозии боми бинои боғчаи бачагонаи №1-и шаҳри Роғун, кӯчаи Сохтмончиён | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.12.2022 16:50:00 |
| 8 | 412572 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 08.12.2022 16:55:19 |
| 9 | 412573 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №14-и шаҳри Конибодом | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 31 | 08.12.2022 21:20:00 |
| 10 | 412574 | Шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд | Мизи яктумбадор, курсӣ, мизу курсии талабагӣ, қандил ва кронштейн (подставка) барои Литсейи №1 ба номи академик М. Осимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 08.12.2022 21:30:00 |
| 11 | 412575 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.12.2022 08:30:00 |
| 12 | 412577 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои равонӣ» | Доруворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 09.12.2022 08:59:59 |
| 13 | 412581 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказии ба номи И. Ҳасанов»-и ноҳияи Ашт | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 127 | 09.12.2022 09:00:00 |
| 14 | 412579 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Картриҷ ва тонер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 09.12.2022 09:25:51 |
| 15 | 412584 | Муассисаи давлатии «Маркази мубориза бар зидди бемории сил»-и вилояти Суғд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 101 | 09.12.2022 09:30:00 |
| 16 | 412580 | Идораи рӯзномаи «Ҷумҳурият» | Коғази корӣ, принтер ва картриҷ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 09.12.2022 09:35:13 |
| 17 | 412582 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 09.12.2022 09:50:28 |
| 18 | 412585 | Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, барқӣ, сантехникӣ, мебел, картриҷ, диски дурушт, сурат, сим ва дигар таҷҳизот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 09.12.2022 10:00:00 |
| 19 | 412587 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, барқӣ, тонер, байрақ, косаву табақ, калӯш ва халат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 45 | 09.12.2022 10:30:00 |
| 20 | 412590 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45-и шаҳри Ҳисор | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 09.12.2022 10:40:40 |
| 21 | 412591 | Муассисаи давлатии «Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» | Чопи китоби «Ваҳдат, Давлат, Президент» миқдори саҳифа -416; теъдод - 1000 нусха; андоза - 100х70; 1/32; коғази офсетӣ - 70 гр; чопи офсетӣ-1+1; дӯхти риштадӯзӣ; муқоваи саҳ 4+0 картон + ламинатсия; муқова - ранга, чопи дарун - сиёҳу сафед | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 09.12.2022 11:00:00 |
| 22 | 412589 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» | Молҳои хоҷагидорӣ ва канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 09.12.2022 11:30:00 |
| 23 | 412576 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» | Таъмири ҷории муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.12.2022 12:38:09 |
| 24 | 412592 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббӣ»-и шаҳри Ваҳдат | Идомаи сохтмони бинои иловагии 4-ошёна дар муассиса (марҳилаи сеюм) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.12.2022 14:00:00 |
| 25 | 412594 | Муассисаи давлатии «Маркази бемориҳои дил ва ҷарроҳии дилу рагҳо»-и вилояти Суғд | Маводи хоҷагидорӣ, кондитсионер, камераи мушоҳидавӣ бо лавозимоташ, насос ва бехи гул | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 09.12.2022 14:40:00 |
| 26 | 412595 | Муассисаи давлатии «Маркази бемориҳои дил ва ҷарроҳии дилу рагҳо»-и вилояти Суғд | Маводи хоҷагидорӣ, коғази ЭКГ, бехи гул ва инвентари нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 09.12.2022 14:45:00 |
| 27 | 412544 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизот барои тарҷумаи синхронӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 09.12.2022 14:50:00 |
| 28 | 412567 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Стенд, чатр, рӯймол, Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон ва акс (портрет)-и Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 12.12.2022 10:20:40 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқараршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи якчанд лот, ки аз тарафи шарикони рушд - Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар маблағгузорӣ шудааст, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:**

- аз рӯи Лоиҳаи «Қонунгузории байналмилалӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода»:

**Лоти 1:** Тренинги 1,5 - рӯза дар мавзӯи «Қонунгузории байналмилалӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода», 12-13-уми декабри соли 2022, ФБҶ СС ва ҲА.

- аз рӯи Лоиҳаи «Омодагӣ ба воридшавии эҳтимолии гурезагон (Emergency Appeal: MDR65006, Population Movement)»:

**Лоти 2:** Тренинги 4 - рӯза дар мавзӯи «Назорати эпидемологӣ», 5-8-уми декабри соли 2022, ФБҶ СС ва ҲА.

- аз рӯи Лоиҳаи «Сафарбаркунии ҷомеа оид ба эмгузаронии COVID -19, марҳилаи сеюм»:

**Лоти 3:** Даъвати мутахассисон барои таҳияи дастурамал ва маводи иттилоотӣ дар мавзӯи пешгирӣ аз паҳншавии бемории сироятии COVID-19, марҳилаи сеюм;

- аз рӯи Лоиҳаи «Суръат бахшидани фаъолиятҳои маҳаллӣ дар шароити буҳронҳои гуманитарӣ ва тандурустӣ» (ECHO PPP):

**Лоти 4:** Гузаронидани чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани огоҳсозии аҳолӣ дар мавзӯъҳои коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ дар сатҳи маҳал, тағирёбии иқлим ва таҷрибаҳои мусбати экологӣ барои аъзои ҳадафноки Кумитаи марказии ҳолатҳои фавқулода. Макони баргузорӣ: вилояти Суғд (21 деҳаи ҳадафноки лоиҳа).

**Лоти 5:** Гузаронидани тренингҳо оид ба ҷалби ҷомеа ва масъулият (cea) дар сатҳи маҳал. Макони баргузорӣ: вилояти Суғд (21 деҳаи ҳадафноки лоиҳа).

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ (мактуби расмӣ) дар хусуси иштирок дар озмунҳои тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон, дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Умари Хайём - 120, унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

**Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо: то 1-уми декабри соли 2022, соати 09 [00] бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.**

# ҶУМҲУРИИ ТУРКИЯ

**(Суди сулҳи граждани)**

**МАЪМУРИЯТИ ФУРӮШ**

**Шумора: 2022/16**

**Даъвои барҳам додани шарикӣ 27/10/2022**

## ЭЪЛОН

**Мавзӯъ: Эълони гузориши қиматгузории доройӣ**

**Саҳмдор: Нури Байрам- РЯМ: 4838****220 -**

**Номи падару модар: Сулейман ва Уммуҳан,**

**санаи таваллуд: 20/07/1975**

Дар парвандаи файли фурӯши идораи мо бо рақами файли дар боло зикршуда, дар ҳисоботи баҳодиҳӣ аз санаи 05/09/2022, ки аз ҷониби коршиносон дар натиҷаи баҳогузории 25/08/2022 ҳисобот оид ба арзёбӣ; Арзиши манзили ғайриманқули боғи ГУЛ бо масоҳати 2.062,55 m2, дар вилояти Испарта, ноҳияи Атабей, деҳаи Исламкой, макони Экмен Ҳаримӣ, блоки 140, қитъаи № 10 ҷойгир аст, майдони боғи Роза арзиши амволи ғайриманқул 618.765,00 TL мебошад. Қарор баровaрда шуд, ки ба саҳмдор НУРИ БАЙРАМ ба таври эълонӣ огоҳӣ дода шавад, ки суроғаи истиқоматиаш дастрас набуда, муайян намудани суроғааш ғайриимкон мебошад. Мувофиқи моддаи 128/а Кодекси муфлисшавӣ баъди 7 рӯзи дар рӯзнома чоп шудани эълон, огоҳӣ ба саҳмдор НУРИ БАЙРАМ эълоншуда ҳисобида мешавад ва номбурда метавонад эътирози худро аз рӯи арзёбӣ дар 7 рӯзи муҳлати қонунӣ ба Суди навбатдори шаҳри Испарта пешниҳод намояд.

# T.C.

## ISPARTA

**1. (SULH HUKUK MAH.) SATIS MEMURLUGU**

**2. Sayı : 2022/16**

**Ort. Gid. Satıs 27/10/2022**

## ILÂN

Konu : Kıymet Taktir Raporunun

Ilânı

**HISSEDAR : NURI BAYRAM - TC Kimlik No: 4838****220- Süleyman ve Ummuhan'dan olma 20/07/1975 D.lu**

Memurluğumuzun yukarıda dosya numarası yazılı satış dosyasında, 25/08/2022 tarihinde yapılan kıymet taktiri sonucu bilirkişiler tarafından ibraz olunan 05/09/2022 havale tarihli kıymet taktir raporunda; satışa konu Isparta Ili, Atabey İlçesi, Islamköy Köyü, Ekmen Harımı Mevkii, 140 ada, 10 parsel sayılı 2.062,55 m2 yüzölçümlü Gül Bahçesi vasıflı taşınmazın değerinin 618.765,00 TL. olarak bildirilmiş olup, söz konusu raporun yerleşim yeri adresi bulunmayan ve adresi tespit edilemeyen hissedar NURI BAYRAM'a ilânen tebliğine karar verilmiş olup, ilânın gazetede yayımlandığı tarihten 7 gün sonra muhataba tebliğ edilmiş sayılacağı ve tebliğden itibaren de IIK'nun 128/a maddesi uyarınca 7 günlük yasal süre içerisinde Isparta Nöbetçi Sulh Hukuk Mahkemesinde kıymet taktirine itiraz edilebileceği hissedar NURI BAYRAM'a ilânen tebliğ olunur.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Хазина 1» (РЯМ 0910005544, РМА 090000315) таҳти № 0145774-и гумшуда, инчунин Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқии гумшуда, ки аз ҷониби Нозироти андози ноҳияи (ҳоло шаҳри) Ҳисор 7-уми марти соли 2011 дода шудааст, эътибор надоранд.

✓ Патенти соҳибкории инфиродӣ бо РЯМ №1830101305-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2020 ба Одинамадов Умедҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ бо РЯМ №3130015433-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон ба Мирзоев Муҳаммадсалим Мирзосаидович додааст, эътибор надорад.

✓ Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ бо РЯМ №3130012454-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон ба Раҳимов Зиядали Этимович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии бинои истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Гулпарвар ба Бегалиева Моҳирахон Умаралиевна (шиносномаи шаҳрвандиаш - № А02180880, ки аз ҷониби ШВКД -1 дар ноҳияи Рӯдакӣ 10-уми июли 2019 дода шудааст) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №0025823-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ 3-юми апрели соли 2018 таҳти №4830/18 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Гулпарвар ба Бегалиева Моҳирахон Умаралиевна (шиносномаи шаҳрвандиаш №А02180880 аз ҷониби ШВКД-1 ноҳияи Рӯдакӣ 10-уми июли 2019 дода шудааст) додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба соҳибкори инфиродӣ Маҳмудов Саид Умарович (РМА 125637062, РЯМ 0430320358) додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон соли 2020 ба Рофиев Кобилҷон Нуралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти умумии асосии силсилаи Т-ШТА № 0275825-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 89-уми ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2008 ба Нигораи Мирзораҳим додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти №155127989-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб ба Оймаҳмадова Лутфия Мирҷумъаевна додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд «Сохтмони аср» (РМА 020044849, РЯМ 0210021295), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0266445 мебошад, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «РТО», ки дорои Гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупорандаи (РМА) 020041231 буда, онро Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 15-уми майи соли 2013 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Федератсияи тиби варзишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятии силсилаи ВА №0023064 буда, онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зери рақами қайди ИҶ 1033 санаи 23-юми декабри соли 2008 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хатмкунандагони шуъбаи молия ва қарзи факултети иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (хатми соли 1980) ба ҳамкурсашон Гулов Гул Авазович бинобар вафоти**

**ПАДАРАШ**

**изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият намуда, аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.**

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

**САРМУҲАРРИР**
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17-уми марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 21 ноябри соли 2022, соати 17:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33410 нусха*

**Навбатдорони шумора**
**С. Суннатӣ ва Ш. Атобуллоев**

**Тарроҳони компютерӣ**
**Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров**